## Тақризи

**Роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шарифзода Муҳаммадӣ Шариф дар мавзӯи «Сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: тадқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ**

Рисолаи илмии **Шарифзода Муҳаммадӣ Шариф** ба мубрамтарин мавзӯи ҳуқуқшиносии хосияти вижаи амалӣ ва назарӣ дошта **«Сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: тадқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ»** бахшида шудааст. Мубрамият ва аҳамияти назарӣ ва амалии мавзӯи рисола бо далелҳои зерин собит мегарданд:

Воридшавӣ ба мизони табиати ҳуқуқии меъёрҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла анъана ва ҷашну маросим дар ҳама давру замон аз мавзӯоти баҳснок, сарбаста ва муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ буд, ҳаст ва боқӣ хоҳад монд. Аҳамият ва мубрамияти ин қабил мавзӯот дар фазои бунёди давлатории миллӣ ва фишори омезиши фарҳангҳои мухталиф дар раванди ҷаҳонишавии манфиатҳо, амвоҷи бемориҳои сироятӣ зери таъсири манфиатҳои миллӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон рӯ ба афзоиш дорад.

Пас аз оне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи танзими ҳуқуқии ҷашну маросимро дар доираи манфиатҳои миллӣ дар кишвар масъалагузорӣ намуд (24 майи соли 2007) ва бо ташаббуси он кас Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анаъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 8 июни соли 2007 қабул гардид, дар фазои ҳуқуқии мамлакат як гурӯҳи муносибатҳои нави ҳуқуқӣ бо сарчашмаҳои хоси миллии ҳуқуқӣ пайдо гардид. Ин гурӯҳи муносибатҳои

ҳуқуқӣ, ки бо меъёрҳои урфу одат ва анъанаю маросим тавъам буданд, воқеан аз назари табиати ҳуқуқӣ ҳодисаи ҷадид ва то ҳол аз назари илми ҳуқуқшиносии муосир омӯхтанашуда буданд.

Танзими ҳуқуқии урфу одат, анъанаю маросим ва омӯзиши табиати ҳуқуқии онҳо ба илми ҳуқуқшиносӣ аз назари таърихият робитаи маънавии байни наслҳои гузашта ва муосиру ояндаи миллатро аз назари ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Бақою ҳастӣ ва мавҷудияти муттасилонаи халқу миллат дар саҳнаи таърих тавассути анъанаю маросим таъмин мегардад. Аз байн рафтани урфу одатҳо, маросиму анъанаҳо, умуман оинҳо ва суннатҳои ваҳдатбахши миллӣ – маънои аз асолат ва решаҳои таърихии худ канда шудани миллат ва аз даст додани ҳувияти худро дорад. Аз ин рӯ, ҳар як давлати соҳибихтиёри миллӣ барои ҳифзу густариши маросиму анъанаҳо ва суннатҳои неку созандаи наслҳои гузашта чораҳои қонунӣ меандешад.

Дар баробари ин, агар урфу одат ва анъанаю маросим ҳамчун меъёрҳои иҷтимоӣ аз моҳияти аслии худ, ки таъмини ваҳдату саодат ва истиқлолияти миллист, дур гарданд, пас ин ҳолат ногузир миллатро ба бемории иҷтимоӣ, халқро ба камбизоатӣ ва давлатро ба заифӣ кашида, ба рушди ҷамъиятию иқтисодии давлати миллӣ монеъ мешаванд. Чунин ҳолат омӯзиши ҳамаҷонибаи урфу одат, анъанаҳо ва таъсиррасонии ҳуқуқиро дар давраҳои муайяни таърихӣ ногузир мегардонад. Аз ин рӯ, баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати танзими ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим ба вуҷуд омад. Ин зарурат дар паҳнои масоили ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиати иқтисодии шаҳрвандон ва оилаҳо, ҳимояи арзишҳои динӣ ва рушди мувозинаи урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ ба миён омад.

Баррасии илмии расму оин ва анъанаҳо ва табиати ҳуқуқии онҳо имконият медиҳад, ки муносибати халқ дар масири таърих бо ин

сарчашмаҳои рафтор, чигунагии таъсири мероси фарҳангии дигар халқҳо ба шаклгирии ин меъёрҳои иҷтимоӣ, инчунин, нақши урфу одат ва ҷашну маросим ҳамчун муайянкунандаи руҳияи ҳуқуқии халқ ва унсури таркибии ҳувияти миллӣ дар этногенез ва ташаккули миллат омӯхта шавад.

Муаллиф ҳамчун корманди соҳаи танзими анъана ва ҷашну маросим аз рӯзҳои аввали қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анаъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз мутахассиси оддӣ корро оғоз намуда то сатҳи мудири шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон сабзиши сиёсӣ ёфтааст. Ӯ дар дохили ҷараёни татбиқи қонуни миллӣ тамоми нозукиҳои бархӯрдҳои ҳуқуқии масъаларо шахсан дарк намуда, ба таҳлили илмии онҳо қалам ба даст гирифтааст. Таҳлили вазъи иҷроиши қонун дар муддати 13 сол дар сатҳи вилоят ва ҷумҳурӣ муҳаққикро ба хулосаҳои ҷиддии илмӣ водор кардааст. Ӯ ҳамчун яке аз пионерони татбиқи қонуни танзим бо камоли масъулият ва поквиҷдонӣ ба таҳлили илмии мавзӯъ рӯ овардааст.

Омилҳои дар боло қайдгардида сабаби асосии интихоби мавзӯъ гаштаанд.

**Мавзуи таҳқиқоти мазкур** – табиати таърихию ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросими миллии тоҷикон мебошад.

**Масъалаи асосии таҳқиқот**– таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими анъанаҳо ва ҷашну маросим маҳсуб мегардад.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии кори таҳқиқотӣ – таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросими милливу динии тоҷикон ва сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими онҳо аз давраи қадим то замони муосир мебошад.

Дар мутобиқат бо ҳадафи асосӣ, дар рисола як қатор масоили мушаххас ва бо ҳам алоқаманд таҳлил ва баррасӣ карда мешаванд, аз ҷумла:

– таъйини мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ дар партави адабиёти муосири илмӣ-ҳуқуқӣ;

– таҳқиқи сарчашмаҳои танзими анъана ва ҷашну маросим дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ;

– тавсифи умуминазариявии мафҳум ва табиати ҳуқуқии анъанаҳо ва ҷашну маросим;

– тавсифи анъана ва ҷашну маросими тоҷикон тибқи табиати ҳуқуқӣ ва соҳаи густариши онҳо;

– таҳлили вазъи ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим аз давраи шӯравӣ то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– таҳлили раванди такмили қонунгузории миллӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим;

– шарҳи принсипҳо ва меъёрҳои Қонуни танзим;

– таҳлили раванди татбиқи Қонуни танзим ва натиҷаҳои он;

– пешниҳодҳо оид ба мукаммал гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва таҷрибаи кор бо аҳолӣ.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Рисолаи мазкур аввалин рисолае мебошад, ки ба таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии анъанаҳо ва ҷашну маросими тоҷикон, таъйини сарчашмаҳои пайдоиш ва танзими онҳо, табиату хусусиятҳои онҳо ҳамчун меъёрҳои иҷтимоӣ ва акси танзимкунандагии онҳо дар ҷомеа бахшида шудааст. Дар рисола бори аввал аз тариқи таҳлили муқоисавӣ собит карда мешавад, ки дар байни анъана ва ҷашну маросими марбут ба ҳаёти хонаводагии зардуштӣ ва исломӣ аз лиҳози маъно ва аҳдофу нақши иҷтимоӣ як навъ ҳамоҳангии арзишӣ ва

фарҳангӣ вуҷуд дорад. Дар рисола бори аввал вазъи ҳуқуқии анъанаҳо ва ҷашну маросими тоҷикон дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба тартиби хронологӣ таҳқиқ шуда, таснифи соҳавӣ ва пайдоиши онҳо анҷом дода шудааст. Муҳимтарин навгонии рисола дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ он аст, ки расму оин ва маросим думболи қонунгузории кишвар нахустин маротиба аз қаринаи илми ҳуқуқ таҳлил ва баррасӣ мегарданд.

Таҳлили ҷамъбастии ҷашну маъракаҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 13 соли фаъолият вобаста ба рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва маълумотномаи баргузории ҷашну маросим дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва ҷумҳурӣ сол ба сол дар солҳои 2007-2019 қиммати илмӣ ва амалии рисоларо ба маротиб баланд намудааст.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии** таҳқиқотро фаҳмиши диалектикии падидаҳои ҳаёти маънавӣ, корбурди усулҳои илмӣ–таърихнигории таҳқиқи падидаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Муаллиф зимни таҳқиқи мавзӯъ аз асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ диншиносон, ҳуқуқшиносон, файласуфон, ҷомеашиносон, мардумшиносон, фарҳангшиносон, адабиётшиносон, инчунин аз рӯзномаву маҷаллаҳо ва дигар васоити ахбори омма, ки дар онҳо маводи бо масоили мавриди баҳси рисола алоқаманд вуҷуд дорад, ба ҳайси сарчашма истифода бурдааст. Таҳлили расмии ҷамъбастӣ рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар солҳои 2007-2019 дар сатҳи вилояти Хатлон ва Ҷумҳурӣ ҷанбаи устувори илмӣ ва амалии рисоларо ташкил додааст.

**Арзиши амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта аз арзиши муайяни илмӣ ва амалӣ бархӯрдор мебошанд. Онҳо барои таҳсили маълумоти қонеъкунанда дар бораи мафҳум, мазмуну

мундаричa, анвоъ, табиати ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои густаришу рушди анъанаҳо ва ҷашну маросими миллии тоҷикон, сарчашмаҳои пайдоиш ва танзими ҳуқуқии онҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ мусоидат менамоянд.

Дастовардҳо ва натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкурро ба сифати мавод дар раванди таълими таърихи ҳуқуқ ва давлат, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, ҷомеашиносӣ, курсҳои махсус оид ба таърихи фарҳанги тоҷикон, инчунин ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявию соҳавии кормандони мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин, танзим ва ҷомеа, инчунин дар такмил ва таҷдиди меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифода бурдан мумкин аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқоти рисола асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 218 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима масъалаҳои мубрамият ва навгонии мавзӯи баррасишаванда масъалагузорӣ шуда, мақсад ва вазифаҳои рисолаи илмӣ муайян гардида, роҳҳои илмии расидан ба мақсаду вазифаҳо пешбинӣ гашта, муқаррарот ва андешаҳои илмии муаллиф атрофи масъалаҳои баррасишаванда ба маърази ҳимоя пешниҳод шудаанд. Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот барои илм ва амалия ва роҳҳои васлияти онҳо дар ҳаёти ҳуқуқӣ мавриди инъикос қарор грифтаанд.

Дар боби якум «Тавсифи умуминазариявии мафҳум ва табиати ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим» мавриди баррасӣ қарор гирифта дар он масъалаҳои мафҳум ва табиати ҳуқуқии анъанаҳо ва ҷашну маросим: тавсифи умуминазариявӣ; тавсифи табиати ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросими тоҷикон ва соҳаҳои густариши онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюм масъалаи «Таҳаввули сарчашмаҳои танзими анъана ва ҷашну маросим: шаклҳои динӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар Тоҷикистон» ҳамаҷониба таҳлил гардида дар он мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ аз назари мавзӯи баррасишаванда; сарчашмаҳои танзими анъана, ҷашн ва маросим дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ; танзим ва таҳаввули анъана ва ҷашну маросим дар партави сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифта хулосаҳои судманд, ҷиҳати такмили фанҳои таърихӣ ҳуқуқӣ пешниҳод шудааст.

Боби сеюми рисола ба **«Масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шуда дар он **масъалаҳои** вазъи ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим аз давраи шӯравӣ то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; вазъи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; такмили қонунгузории миллӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим ва натиҷаҳои он мавриди таҳлил, омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи илмии рисолаи мазкур дар паҳнои масоили баррасишаванда бо усулҳо ва далоили назарию амалӣ ҳамаҷониба исботи худро ёфта, иддае аз таклифу пешниҳодҳои судманди он ифодаи худро дар такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳои кишвар, ки ба самти мазкур иртибот доранд мавриди истифода қарор гирифтаанд (роҷеъ ба истифодаи дастовардҳои муаллиф дар такмили қонунгузорӣ хулосаи масъулин – вакилони МН МО ҶТ вуҷуд дорад).

**Заминаи ҳуқуқии таҳқиқотро** сарчашмаҳои таърихӣ - ҳуқуқии афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои меъёрии таърихӣ, манбаъҳои ахлоқӣ ва динии дар сарзамини таърихии тоҷикон вуҷуддошта ва амалгардида дар мадди аввал ташкил додаанд. Сониян санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, ки дар солҳои шӯравӣ ва соҳибистиқлолӣ дар сарзамини Тоҷикистон амал кардаанд ташкил

додаанд. Ҳамзамон адабиётҳои зиёди илмии дар соҳаи танзими ахлоқӣ, динӣ ва ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросими олимони ватанӣ ва хориҷии соҳаи иҷтимоӣ, диншиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ дар коркарди назарияҳои ҳуқуқии муаллиф нақши заминавиро иҷро кардаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва муҳокима гардида, барои ҳимоя ба Шӯрои дифои рисолаҳои номзадӣ ва доктории назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Оид ба муҳтавои диссертатсия 17 мақолаи илмӣ ва оммавӣ, аз ҷумла панҷ мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 12 мақола дар нашрияҳои дигар нашр шудааст.

Хулосаҳое, ки дар рисолаи мазкур инъикос ёфтаанд, аз ҷониби муаллиф дар амалияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар конфронсҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ, дар ҷаласаҳои ҷамъбастии раванди татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи вилоят ва ҷумҳурӣ дар шакли маърӯза, фишурда ва гузоришу ҳисоботи таҷрибавӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Маводи рисолаи мазкур асnoи мукаммалгардонии қонунгузории соҳавӣ дар ҳадди зарурӣ мавриди истифода қарор гирифта, нуктаҳои амалии он дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи вилояти Хатлон ҳамчун таҷрибаи муваффақ истифода шудаанд.

Маводи рисолаи мазкурро метавон дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои таълимии «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Таърихи ҳуқуқи

инсон», «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» ва дигар илмҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор дод.

**Далелу бурҳонҳои овардашуда шаҳодати онанд, ки тадқиқоти илмии баррасишаванда рисолаи илмии ба анҷом расонидашудаи фардист, ки ба талаботи омода намудани рисолаҳои номзадӣ комилан ҷавобгӯ мебошад.**

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, рисолаи номзадии **Шарифзода Муҳаммадӣ Шариф дар мавзӯи «Сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: тадқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ тавсия карда мешавад.**

Роҳбари илмӣ:

Холиқзода Абдураҳим Ғафор,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734051, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42. Тел.: (+992 37) 2215912, моб: (+992) 938-02-05-68, Email: halim2006@yandex.ru

Имзои Холиқзода Абдураҳим Ғафорро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва қисми махсуси Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафолов М.

18-09.2020.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН